# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи номзадии Комилов Меҳроч Шарифович «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ**

Дар шароити феълии рушди ҳаёти ҷомеа, ки китобхона ҳамчун муассисаи фарҳангӣ-маърифатӣ ва иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мақоми хосаро касб карда, дар ташаккули раванди донишандӯзӣ ва таҳкими маърифату фарҳанги ҷомеа нақш ва мақоми назаррас дорад, таҳқиқоти Комилов М.Ш. дар мавзӯи «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)» хеле саривақтӣ ва муҳим маҳсуб меёбад. Зеро то кунун дар таърихнигории ватанӣ таърихи фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол ба ҳайси мавзӯи мустақили илмӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтааст.

Такя ба мазмуну мухтавои автореферат метавон иброз намуд, ки муҳаққиқ бо истифода аз маводи зиёди чопиву бойгонӣ тавонистааст дар ҳалли масъалаҳои тарҳрезишуда бо хубӣ барояд. Сараввал ӯ худро вазифадор кардааст, ки феҳристи осори интишорёфтаи марбут ба мавзӯи таҳқиқро тартиб диҳад ва ин феҳрист соли 2016 таҳти унвони «Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол» ба табъ расидааст, ки фарогири 1382 номгӯи адабиёти дар тӯли солҳои 1991-2016 нашршуда, мебошад. Чунин тарзи муносибат, аз як ҷониб, ба омӯзишу пажӯҳиши мавзӯи таҳқиқот заминаи боэътимоди илмиро фароҳам сохта бошад, аз ҷониби дигар, ҷамъовариву коркард ва бо таври шоиста дар як феҳрист гурӯҳбандиву пешниҳод шудани асару мақолаҳои интишорёфта, дастрасии пайвастаи эҳтиёҷмандонро ба осори олимону коршиносони соҳа таъмин кардааст. Ин иқдом имкон медиҳад, ки муҳаққиқони дигар низ бо истифода аз ин феҳристи таҳиянамудаи унвонҷӯ дар омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои мубрами илми китобдории тоҷик саҳм гиранд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок ва дараҷаи омӯхта шудани он муайян шуда, ҳадафу вазифаҳои пажӯҳиш, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, заминаҳои методологӣ, объекту матлаб ва чаҳорчӯбаи хрологию ҳудудии он муқаррар гардидаанд.

Дар боби якуми диссертатсия «Омилҳои ташаккул ва таҳаввули китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол» заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии фаъолияти китобхонаҳои мамлакат дар солҳои 1991-2016 баррасӣ гардида, раванди шаклгирӣ ва марҳилаҳои инкишофи шабакаи китобхонаҳои мамлакат, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи барномаҳои давлатии соҳаи китобдорӣ, нақши озмуну фестивалҳои соҳавӣ дар рушди анъанаҳои китобдорӣ, таҳқиқу таҳлил шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «Пайдоиш ва ташаккули китобхонаҳои электронӣ дар Тоҷикистони муосир» масоили таърихи пайдоиш, зинаҳои инкишоф ва фаъолияти китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои нави фароҳамоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаву интиқоли манобеи электронӣ дар Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар 12 банд ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххаси муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия ва дар заминаи натиҷаҳои бадастомода ҷиҳати идома додани таҳқиқотҳои минбаъда 5 номгӯи мавзӯъҳои нави илмӣ пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Комилов М. Ш. дорои аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба дастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаррихону китобхонашиносон ҷиҳати муайян кардани давраҳои рушд ва таҳаввули китобхонаҳои мамлакат, вижагиҳои фаъолияти хизматрасонӣ дар китобхонаҳои анъанавӣ ва электронӣ кумаки воқеӣ расонанд.

Матни тоҷикӣ ва русии автореферат мазмуни диссертатсияро дуруст инъикос менамояд. Доир ба мавзӯи диссертатсионӣ муаллиф 1

рисола, 1 дастури библиографӣ ва 27 мақола, аз он ҷумла 4-тои онро дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба табъ расонидааст.

Ҳамин тавр, рисолаи диссертатсионии Комилов Меҳроҷ Шарифович «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)» ба талаботи пешниҳодкардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертасияҳои номзадӣ мувофиқат намуда, дар сатҳи хуби илмию назариявӣ анҷом дода шудааст ва муаллифи он шоистаи ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мебошад.

Мудири кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои таърих, дотсент Ҷобиров Р.Ф.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе кучаи Саид Носир, 33
телефон: (+992 37) 2289220
Почтаи электронӣ: info@apa.tj

Имзои Ҷобиров Раҷабалӣ Фатҳуллоевичро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода О.О.